# Андозаи ҷубронпулии суғурта: ҷузъи асосии низоми самараноки суғуртаи амонату пасандозҳо

ХАЗИНАИ СУҒУРТАИ АМОНАТУ ПАСАНДОЗҲОИ ТОҶИКИСТОН

## АНДОЗАИ ҶУБРОНПУЛИИ СУҒУРТА: ҶУЗЪИ АСОСИИ НИЗОМИ САМАРАНОКИ СУҒУРТАИ АМОНАТУ ПАСАНДОЗҲО

### *Муқаррароти асосӣ*

Низоми самараноки суғуртаи амонату пасандозҳо дар ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии пасандоздорон аз муфлисшавии ташкилотҳои қарзӣ, нигоҳ доштани суботи низоми молиявӣ ва таҳкими эътимоди аҳолӣ ба низоми бонкӣ, нақши калидӣ дорад.

Андозаи ба таври возеҳу мушаххас муқаррар кардашудаи ҷубронпулии суғурта ҷузъи асосии ин низом мебошад, ки ҳамбастагиро миёни боварии пасандоздорон, суботи низоми молиявӣ ва коҳиши хавфҳо дар низоми бонкӣ таъмин мекунад.

Дар маводи таҳлилии мазкур нақши андозаи ҷубронпулии суғурта дар низомҳои суғуртаи амонату пасандозҳо, таъсири онҳо ба суботи низоми молиявӣ ва хавфи бемасъулиятӣ, таҷрибаи амалкунандаи ҷаҳонӣ (дар асоси тадқиқоти Ассотсиатсияи байналмилалии суғуртакунандаи пасандозҳо (АБСП)), бо назардошти арзёбии андозаи ҷории ҷубронпулии суғурта дар Тоҷикистон, ба таври мухтасар баррасӣ карда мешавад.

*Мафҳумҳои асосӣ:*

***“Суғуртаи амонату пасандозҳо”*** *- механизми ҳимояи манфиатҳои пасандоздорон аз хавфи талафи амонату пасандозҳои суғурташудаи онҳо ҳангоми муфлисшавии ташкилотҳои қарзӣ ва ба вуқуъ омадани ҳолати суғуртавӣ;*

***“Андозаи ҷубронпулии суғурта”*** *- маблағе, ки ба пасандоздорони суғурташуда аз ҷониби суғуртакунандаи амонату пасандозҳо[1] ҳангоми фарорасии ҳолати суғуртавӣ пардохт карда мешавад;*

***“Хавфи бемасъулиятӣ”*** *(Moral Hazard) - ҳолате, ки дар он иштирокчиёни бозор хавфҳои зиёдатиро ба худ мегиранд, зеро талафи аз хавфи мазкур барояндаро пурра ё қисман дигар тарафҳо бар дӯш мегиранд;*

***“Интизоми бозор”*** *- механизме, ки дар он пасандоздорон ва сармоягузорон сатҳи хавфи ташкилотҳои қарзиро арзёбӣ карда, дар асоси вазъи молиявии онҳо қарор қабул мекунанд. Механизми мазкур ба пешбурди фаъолияти оқилона ва идоракунии босамари хавфҳои ташкилотҳои қарзӣ мусоидат менамояд.*

---

[1] Шахси махсуси ҳуқуқӣ, ки барои суғуртаи амонату пасандозҳо масъул аст

## 1. *Муқаддима*

Суғуртаи амонату пасандозҳо унсури муҳим дар таъмини суботи нисзоми молиявӣ буда, он ба ҳимояи пасандоздорон ва нигоҳдории эътимоди онҳо ба низоми бонкӣ, инчунин пешгирии буҳронҳои бонкӣ равона карда шудааст. Андозаи ҷубронпулии суғурта ё худ маблағе, ки пасандоздор ҳуқуқи гирифтани онро дар сурати муфлисшавии ташкилоти қарзӣ дорад, ҳамчун омили асосии ба самаранокии низом таъсиррасон баромад мекунад. Муқаррар кардани андозаи асосноки ҷубронпулии суғурта, арзёбӣ ва ба инобат гирифтани вазъи иқтисодӣ, хусусиятҳои низоми бонкӣ, сохтори амонату пасандозҳои бонкӣ ва ҳадафҳои сиёсати татбиқшавандаро тақозо менамояд.

## 2. *Аҳамияти андозаи ҷубронпулии суғурта*

### *2.1. Таҳкими боварии пасандоздорон*

Андозаи мувофиқ ва ба таври асоснок муқаррар кардашудаи ҷубронпулии суғурта ба **пасандоздорони хурд ва миёна** кафолат медиҳад, ки маблағҳои онҳо ҳифз карда шудаанд. Ин дар навбати худ, эҳтимолияти аз ҷониби пасандоздорон дар давраи буҳронӣ якуякбора аз бонкҳо бозпас гирифтани амонату пасандозҳояшонро (ваҳми пасандоздоронро) коҳиш медиҳад. Андозаи аз ҳад пасти ҷубронпулии суғурта ба таҳкими эътимоднокӣ метавонад мусоидат накунад, дар ҳоле ки андозаи аз ҳад зиёди ҷубронпулии суғурта метавонад механизми интизоми бозорро коста намояд.

### *2.2. Мусоидат ба нигоҳдории суботи низоми молиявӣ*

Андозаи мувофиқи ҷубронпулии суғурта барои пешгирии буҳронҳои низом мусоидат намуда, хавфи муфлисшавии ташкилотҳои қарзиро коҳиш медиҳад. Бо роҳи таҳкими эътимоди пасандоздорон, андозаи ҷубронпулии суғурта ба устувории низоми бонкӣ мусоидат карда, таъсири фишорҳоро ба сатҳи пардохтпазирӣ дар давраи буҳронҳои молиявӣ коҳиш медиҳад.

### *2.3 Паст кардани хавфи бемасъулиятӣ*

Андозаи аз ҳад зиёди ҷубронпулии суғурта ташкилотҳои қарзӣ ва пасандоздоронро метавонад бинобар сабабе, ки уҳдадориҳои онҳо ба андозаи зиёд бо суғурта фаро гирифта шудаанд, ба пешбурди кору фаъолияти бепарвоёна ва хавфпазир водор созад. Аз ин рӯ, барои кам кардани хавфи

бемасъулиятӣ андозаи ҷубронпулии суғурта бояд чунин муайян карда шавад, ки он асосан пасандоздорони хурдро ҳимоя карда, дараҷаи хавфпазирии ташкилотҳои қарзиро баланд нанамояд.

## *3. Таҷрибаҳои беҳтарин ва критерияҳои умда дар муқаррар кардани андозаи ҷубронпулии суғурта*

Тибқи принсипҳои калидии АБСП (принсипҳои калидии АБСП ҳамчун меъёр ё стандарт ҳангоми баҳодиҳии сифати низомҳои суғуртаи амонату пасандозҳо истифода мешаванд), андозаи ҷубронпулии суғурта ва фарогирии суғуртаи амонату пасандозҳо бояд дар қонунгузорӣ ба таври возеҳ муайян карда шуда, барои пасандоздорон фаҳмо бошанд.

### *3.1 Критерияи мутаносибии ҷубронпулии суғурта ба андозаи миёнаи пасандоз*

Андозаи ҷубронпулии суғуртаро мебояд бо таносуб ба андозаи миёнаи пасандозҳо муқаррар кард, то ин ки он ҳимояи назарраси пасандоздоронро таъмин намуда, мубталошавии аз ҳад зиёдро ба хавфҳо роҳ надиҳад. Ин маънои онро дорад, ки суғуртаи амонату пасандозҳо бояд тавре тарҳрезӣ карда шавад, ки он фарогирии пурраи аксари пасандоздорони хурду миёнаро таъмин намуда, пасандоздорони калонтар бошанд баҳри нигоҳ доштани интизоми бозор бояд то андозае ба хавф дучор шуда бошанд.

Бисёри кишварҳо андозаи ҷубронпулии суғуртаро тавре муқаррар мекунанд, ки он аксари шумораи пасандоздоронро (90-95%) пурра рӯйпӯш намуда, ҳаҷми умумии пардохтҳоро ба андозаи муайян маҳдуд нигоҳ медоранд. Ин дар навбати худ барои кам кардани сарбории молиявӣ ва пешгирии уҳдадориҳои аз ҳад зиёди суғуртакунандаи амонату пасандозҳо муҳим аст.

Тадқиқоти АБСП (2021) нишон дод, ки дар аксари кишварҳои ҷаҳон 95% шумораи умумии пасандоздорон пурра суғурта карда мешаванд, дар ҳоле ки тақрибан 40% ҳаҷми номиналии амонату пасандозҳои суғурташуда дар доираи андозаи ҷуброни суғурта боқӣ мемонад.

Тибқи принсипҳои дар боло зикршуда, андозаи ҷубронпулии суғурта бояд аз ҷиҳати ҳаҷм маҳдуд буда, боэътимод бошад ва аксари пасандоздоронро фаро гирифта пурра рӯйпӯш намояд, аммо ҳиссаи назарраси ҳаҷми амонату пасандозҳоро ба омили интизоми бозор дучор кунад.

Аз лиҳози суғуртаи амонату пасандозҳо интизоми бозор вақте нигоҳ дошта мешавад, ки агар як қисми амонату пасандозҳои калон пурра рӯйпӯш нашаванд ва чунин пасандоздоронро водор намояд, ки пеш аз гузоштани маблағ вазъи молиявии бонкҳоро арзебӣ кунанд. Агар андозаи ҷубронпулии суғурта хеле баланд бошад, пасандоздорон метавонанд ба хавфҳои бонкӣ аҳамият надиҳанд, ки ин боиси хавфи бемасъулиятӣ мегардад, яъне вақте ки бонкҳо дар фаъолияти худ хавфи аз ҳад зиёдро ба дӯш мегиранд, зеро медонанд, ки амонату пасандозҳои ҷалб кардашуда пурра ҳимоя карда мешаванд.

*Интизоми бозор дар низоми суғуртаи амонату пасандозҳо чӣ гуна кор мекунад:*

Мониторинг аз ҷониби пасандоздорон: вақте ки андозаи ҷубронпулии суғурта маҳдуд аст, пасандоздорон водор мешаванд, ки пеш аз гузоштани маблағҳои калон вазъи молиявии бонкро арзёбӣ кунанд. Агар онҳо хавфи аз ҳад зиёдро бинанд, пас метавонанд маблағҳои худро гашта гиранд ё фоизи баландтарро талаб кунанд, ки ин ба фаъолияти хавфноки ташкилотҳои қарзӣ монеа мегардад.

Шаффофияти бонкӣ: ташкилотҳои қарзие, ки хавфҳои аз ҳад зиёдро ба дӯш мегиранд, метавонанд бо хароҷоти бештари молиявӣ ё кам шудани эътимоди муштариён дучор оянд, ки дар ниҳоят онҳоро ба фаъолияти масъулиятнок ҷиҳати нигоҳ доштани суботи молиявии худ водор мекунад.

Пешгирии хавфи бемасъулиятӣ: агар андозаи ҷубронпулии суғурта хеле баланд бошад (масалан, ҳамаи амонату пасандозҳоро бидуни маҳдудият рӯйпӯш кунад), пасандоздорон метавонанд ба хавфҳои бонкӣ beпарво шаванд, ки ин интизоми бозорро коҳиш дода, ба пешбурди амалияи ғайриоқилонаи бонкӣ мусоидат мекунад.

Аз ин рӯ, низоми суғуртаи амонату пасандозҳои хуб ба роҳ мондашуда баробариро байни ҳифзи пасандоздорон ва интизоми бозор тавассути тадбирҳои зерин таъмин мекунад:

- фарогирии аксари пасандоздорони хурд, дар ҳоле ки пасандоздорони калонтар ба хавфҳои эҳтимолӣ дучор мешаванд;

- ҳавасмандгардонии ташкилотҳои қарзӣ барои нигоҳдории вазъи молиявии устувор бо мақсади ҷалби пасандоздорон;

- коҳиш додани эҳтимолияти муфлисшавии ташкилотҳои қарзӣ бо роҳи нигоҳ доштани усулҳои муътамади идоракунии хавфҳо ва ҳавасмандгардонии фаъолияти масъулиятноку оқилонаи онҳо.

### *3.2 Критерияи мутаносибии андозаи ҷубронпулӣ ба сатҳи ММД ба ҳар сари аҳолӣ*

Тибқи таҳқиқоти АБСП андозаи ҷубронпулии суғурта дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон ба таври назаррас фарқ мекунад ва аксар вақт он бо Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД) ба ҳар сари аҳолӣ алоқамандӣ дорад. Аз ҷумла, тадқиқот нишон медиҳад, ки андозаи ҷубронпулии суғурта дар саросари ҷаҳон ба ҳисоби миёна вобаста ба минтақа тақрибан аз 2,3 то 3,6 маротиба аз нишондиҳандаи ММД ба ҳар сари аҳолӣ зиёд мебошад. Амрикои лотинӣ ва Аврупо таносуби андозаи ҷубронпулии суғуртавии баландтар доранд (беш аз 5 маротиба бештар аз ММД ба ҳар сари аҳолӣ), дар ҳоле ки дар минтақаи Осиё, Уқёнуси Ором, Амрикои Шимолӣ ва Ҳавзаи Кариб ин таносубҳо пастаранд (тақрибан ба ҳисоби миёна 1,5 маротиба зиёдтар аз ММД ба ҳар сари аҳолӣ). Нишондиҳандаи дақиқтар - нишондиҳандаи медианаи (миёнаи) коэффитсиент барои ҳамаи ин кишварҳо (ба истиснои ченакҳои ғайримуқаррарӣ, ки аз даҳ маротиба ММД ба ҳар сари аҳолӣ зиёд аст) 2,3 маротибаи ММД ба ҳар сари аҳолиро ташкил медиҳад.

### *3.3 Критерияи тасҳеҳи даврӣ ва асосҳои иқтисодӣ*

Андозаи ҷубронпулии суғурта бояд давра ба давра бо назардошти сатҳи таваррум, рушди иқтисодӣ ва тағйирот дар бахши бонкӣ аз нав дида баромада шавад. Тибқи таҷрибаи ҷаҳонӣ пеш аз зиёд кардани андозаи ҷубронпулӣ, сараввал имкониятҳои молиявии мавҷударо ба назар гирифтан лозим буда, бо назардошти афзоиши мутаносиби маблағҳои суғуртакунандаи амонату пасандозҳо, андозаи ҷубронпулии суғуртаро муқаррар кардан мувофиқи мақсад аст. Аз ин рӯ, дилхоҳ тасҳеҳот бояд бо назардошти маълумоти асоснок ва имкониятҳои мавҷудаи молиявию иқтисодӣ амалӣ карда шаванд.

---

## *4. Андозаи ҷубронпулии суғурта дар мисоли Тоҷикистон*

---

Бо дарназардошти таҷрибаи ҷаҳонӣ, стандартҳо ва тамоюлҳои мавҷуда кӯшиш менамоем, ки андозаи ҷубронпулии суғуртаро дар Тоҷикистон бо меъёрҳои (критерияҳои) дар боло зикршуда муқоиса ва таҳлил намоем.

Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳо Тоҷикистон (минбаъд Хазина) мақоми асосии масъули суғуртаи пасандоздорони низоми бонкии кишвар мебошад. Мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи суғуртаи

амонату пасандозҳо” (Қонуни ҶТ аз 15.03. с. 2023, №1961) соли 2023 андозаи ҷубронпулии суғурта дар Тоҷикистон зиёд гардида, он дар ҳаҷми то 35 000 сомонӣ барои ҳар як пасандоздори суғурташуда дар ҳар як ташкилоти қарзӣ муқаррар карда шудааст. Пасандоздорон - шахсони воқеӣ, аз ҷумла соҳибкорони инфиродӣ, инчунин шахсони ҳуқуқии субъектҳои соҳибкории хурд ва ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ мебошанд, ки бо ташкилоти қарзӣ шартномаи пасандози бонкӣ ё шартномаи суратҳисоби бонкӣ бастаанд.

Бояд қайд кард, ки пеш аз эътибор пайдо кардани қонуни дар боло зикршуда, андозаи ҷубронпулии суғурта бо нишондиҳанда барои ҳисобҳо муқаррар карда шуда буд, ки ин дарки андозаи муайяни ҷубронпулии суғуртаро барои пасандоздорон душвор мекард. Ҳамин тариқ, бо тағйирот дар Қонун андозаи ҷубронпулии суғурта аз рӯи амонату пасандозҳо ба таври возеҳ муайян карда шуда, он барои пасандоздорон фаҳмотар гардид.

Дар маҷмӯъ, аз соли 2015 андозаи ҷубронпулии суғурта 2,5 маротиба, яъне аз 14 000 сомонӣ то 35 000 сомонӣ афзудааст, ки ин ба афзоиши ҷалби амонату пасандозҳо дар низоми бонкӣ мусоидат карда, заминаи захиравии бонкҳоро барои қарздиҳӣ ба бахши воқеии иқтисодиёт васеъ намуд.




**Критерияи мутаносубӣ ба андозаи миёнаи амонату пасандозҳо.** Дар айни замон дар Ҷумҳурии мо маблағи ҷуброни суғурта 35 000 сомониро ташкил медиҳад. Тибқи стандартҳои ҷаҳонӣ андозаи мазкур аз ҷиҳати ҳаҷм маҳдуд буда, он аксари пасандоздоронро фаро гирифта пурра рӯйпӯш менамояд. Барои тасдиқи ин, рақамҳои зеринро меорем: дар ҳамаи ташкилотҳои қарзии аъзои Хазина ҳиссаи пасандоздорони дар доираи андозаи

ҷубронпулӣ пурра суғурта ва рӯйпӯшшуда 98%-и шумораи умумии онҳоро ташкил медиҳад, ки ин аз нишондиҳандаи байналмилалӣ (95%) зиёдтар аст.

Тавре ки дар боло қайд кардем, яке аз принсипҳои асосӣ ва муҳими низомҳои суғуртаи амонату пасандозҳо ҳифзи ҳатмии пасандоздорони хурд мебошад. Пасандоздорони хурд одатан шахсонеро дар назар доранд, ки маблағи пасандозҳояшон кам буда, онҳо маъмулан дар бораи хавфҳои бонкӣ маълумоти пурра надоранд ва ҳангоми овозаҳо дар бораи душвориҳои молиявӣ ё мушкилот дар ташкилоти қарзӣ ба осонӣ ба воҳима меафтанд. Ҳамин тариқ, дар сурати муфлисшавии фарзиявии ҳамаи ташкилотҳои қарзӣ, амонату пасандозҳои аксарияти пасандоздорон (98%) пурра аз ҷониби Хазина ҳифз ва ҷуброн карда мешаванд.




Дар баробари ин, тақрибан 40% ё 4,8 миллиард сомонӣ аз ҳаҷми номиналии ҳамаи амонату пасандозҳои суғурташуда, ки 12,0 миллиард сомониро ташкил медиҳад (ба ҳолати 31.12.2024 с.), дар доираи андозаи ҷубронпулии суғурта боқӣ мемонад, ки ин ҳам ба ҳисоби миёнаи ҷаҳонӣ (40%) мутобиқ мебошад. Ҳамин тариқ, ҳиссаи назарраси ҳаҷми амонату пасандозҳо, ки ба 60% баробар буда, он танҳо ба 2% шумораи умумии пасандоздорон, яъне пасандоздорони калон тааллуқ дорад, пурра не балки қисман пӯшонида шуда, ба омили интизоми бозор дучор мешавад.

***Критерияи мутаносибӣ ба сатҳи ММД ба ҳар сари аҳолӣ.*** Дар айни замон, андозаи ҷубронпулии суғурта - 35 000 сомонӣ, аз сатҳи ММД ба ҳар сари аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 2,3 баробар зиёд мебошад (дар соли 2024 нишондиҳандаи ММД ба ҳар сари аҳолӣ тақрибан ба 15 000 сомонӣ баробар шудааст). Нишондиҳандаи мазкури 2,3 маротибаи ММД ба ҳар сари

аҳолӣ тибқи таҷрибаи ҷаҳонӣ ба арзиши миёна (медиана)-и коэффитсиент барои ҳамаи кишварҳо баробар аст.

Дар муқоиса бо таҷрибаи беҳтарини байналмилалӣ, андозаи ҷубронпулии суғурта дар Тоҷикистон дар аввали соли 2025 ба нишондиҳандаҳои миёнаи ҷаҳонӣ аз ҷиҳати таносуби ММД ба ҳар сари аҳолӣ баробар аст, ки барои нигоҳ доштани эътимоди пасандоздорон ва суботи низоми молиявӣ дар давраи буҳрони бонкӣ комилан қобили қабул аст.

***Критерияи тасҳеҳи даврӣ ва асосҳои иқтисодӣ.*** Бояд қайд кард, ки дар соли 2023 дар баробари баланд бардоштани андозаи ҷубронпулии суғурта, дар Қонун муқаррароти махсус ҷорӣ карда шуд, ки мувофиқи он андозаи ҷубронпулӣ дар ҳолати зарурӣ давра ба давра, на камтар аз як маротиба дар се сол бо назардошти раванди рушди низоми бонкӣ-молиявӣ ва иқтисодии кишвар аз нав дида баромада мешавад.

Тавре дар боло зикр гардид, пеш аз зиёд кардани андозаи ҷубронпулӣ, аввал бояд имкониятҳои мавҷудаи молиявӣ ва мақсаднокии баланд бардоштани андозаи мазкурро бо назардошти афзоиши мутаносиби дороиҳои Хазина, ба назар гирифта шаванд. Дар соли 2021 пас аз барҳамдиҳии ду бонки калон Хазина ба пасандоздорони ин бонкҳо зиёда аз 189 миллион сомонӣ ҷубронпулӣ пардохт намуд, ки боиси аз 310 миллион сомонӣ то 134 миллион сомонӣ (ба -56,7%) кам шудани дороиҳои Хазина гардид. Аз он вақт инҷониб дар натиҷаи тадбирҳои андешидашуда оид ба таъмини устувории ташкилотҳои қарзӣ ва фаъолияти устувори низоми бонкӣ, дороиҳои Хазина тадриҷан афзуда, дар интиҳои соли 2024 ҳаҷми он 282 миллион сомониро ташкил дод.

Хазина бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар симои Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон ва ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ барои таъмини устувории молиявии Хазина тамоми кӯшишҳоро ба харҷ медиҳад. Дар ин замина, Хазина тибқи қонун ва Стратегияи рушди худ, минбаъд андозаи ҷубронпулии суғуртаро бо мақсади ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии пасандоздорон ва баланд бардоштани эътимоди аҳолӣ ба низоми бонкии кишвар, давра ба давра аз нав дида мебарояд. Хазина ҳангоми муайян кардани андозаи ҷубронпулӣ ва сатҳи фарогирии суғурта барои таъмини фаъолияти самараноки низоми суғуртаи амонату пасандозҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамаи меъёрҳои дар боло зикршударо ба назар мегирад.

## *5. Хулоса*

Андозаи дақиқи ҷубронпулии суғурта заминаи асосии низоми самараноки суғуртаи амонату пасандозҳо мебошад. Андозаи ҷубронпулии суғуртавии дуруст муқарраршуда барои нигоҳ доштани эътимоди пасандоздорон, устувории молиявӣ ва идоракунии хавфҳо, мусоидат мекунад.

Таҳлили сатҳи ҷории андозаи ҷубронпулии суғурта дар ҷумҳурии мо нишон медиҳад, ки он ба критерияи асосӣ ва стандартҳои байналмилалӣ, инчунин таҷрибаҳои беҳтарини соҳа комилан ҷавобгӯ аст, яъне:

- 98% пасандоздорон дар Тоҷикистон аз ҷониби Хазина пурра рӯйпӯш карда шудаанд, ки ин аз нишондиҳандаи байналмилалӣ (95%) баландтар аст;

- тақрибан 40% ҳаҷми номиналии пасандозҳо бо суғурта фаро гирифта шудаанд, ки ба сатҳи миёнаи ҷаҳонӣ мувофиқат мекунанд;

- андозаи ҷубронпулии суғурта аз ММД ба ҳар сари аҳолӣ 2,3 маротиба зиёдтар аст, ки ин ба ченаки миёнаи кишварҳои ҷаҳон мувофиқат мекунад;

- қонунгузорӣ масъалаи тасҳеҳи даврӣ, яъне аз нав дида баромадани андозаи ҷубронпулии суғуртаро на камтар аз як маротиба дар се сол бо назардошти омилҳои иқтисодӣ пешбинӣ мекунад.

Ҳамзамон, барои рушди минбаъдаи низоми суғуртаи амонату пасандозҳо дар Тоҷикистон тавсия дода мешавад ки:

- андозаи ҷубронпулии суғурта дар сатҳе, ки аксари пасандоздоронро ҳимоя мекунад, аммо интизоми бозорро суст намекунад нигоҳ дошта шавад. Эътимоди ҷомеа ба низоми суғуртаи амонату пасандозҳо аҳамияти муҳим дорад, аммо андозаи ҷубронпулии аз ҳад зиёд метавонад сарбории иловагиро ба Хазина ва эҳтимолан андозсупорандагон эҷод кунад;

- андозаи ҷубронпулии суғурта давра ба давра вобаста ба шароити иқтисодӣ аз нав дида баромада шавад;

- шаффофият ва огоҳии аҳолӣ дар бораи низоми суғуртаи амонату пасандозҳо баланд бардошта шавад, махсусан дар бораи андозаи ҷубронпулии суғурта, ки барои баланд бардоштани эътимоди аҳолӣ муҳим аст.